# Забони шуғнонӣ

Submitted by Ҳайати тадорукот on 30 October, 2017 - 21:51

Забони шуғнонӣ / шуғнӣ (xuγnůnī zev) дар ноҳияҳои Шуғнону Шохдара ва мавзеи Баҷуви Бадахшони Тоҷикистон ва маҳаллоти ҳаммарзи он дар Афғонистон истеъмол мегардад. Ин забон дорои гӯишҳои баҷувӣ, шохдарагӣ ва барвозӣ буда, дар осори илмӣ бо номи «забони шуғнонӣ-баҷувӣ» низ ёд мешавад.

Забонҳои гурӯҳи шуғнӣ-рӯшонӣ ҳамчун забонҳои бехат дар ҷомеа нақши забонҳои

маҳаллиеро бозӣ мекунанд, берун аз маҳалли корбурдии худ истеъмол намегарданд. Назар ба иттилои манобеи хаттии Чини бостон, дар аҳди қадим дар Шуғнон хат ривоҷ доштааст. Сайёҳи чинии нимаи авали қарни VII Сюан Тзян дар бораи хатти тохарӣ, ки аз 25 ҳарф иборат буда, ба таври уфуқӣ аз чап ба рост хонда мешуд, иттилоъ дода, зикр мекунад, ки «дар Ши-ки-ни (Шуғнон) низ ҳамин хат ба кор меравад, аммо дар забон тафовутҳо вуҷуд дорад» (1).
Осори бостонии ин забон то ба имрӯз боқӣ намондааст. Дар солҳои 30-юми асри гузашта, зимни мубоҳисоти забоншиносие, ки перомуни табдили хатти забони тоҷикӣ сурат гирифт, масъалаи алифбои забони шуғнонӣ низ баррасӣ мегардид ва кӯшишҳои соҳибхат намудани забони шуғнонӣ ба миён омаданд ва барои он бар мабнои расмулхатти лотинӣ алифбое таҳия гардида, китоби алифбои ин забон низ чоп шуд, аммо бо вуҷуди он ки чандин намунаи осори забони мазкур мунташир гашт, ин ибтикор идома пайдо накард. Дар оғози солҳои 90-уми асри гузашта ашъори шоирони маҳаллӣ дар шакли китобчаҳои ҷудогона ва маҷмуаҳо бо хатти кириллӣ интишор шуда, дар ҳафтаномаи «Фарҳанги Бадахшон» низ намунаҳои ин ашъор ҷо дода мешуд. Шоирон Сардор Раҳдор (ашъори рӯшонӣ), Лидуш Ҳабиб, Лаълҷӯба Мирзоҳасан, Ато Мирхоҷа, Муҳиддин Шоҳинбод (ашъори шуғнонӣ) ва дигарон дар шумори чунин адибони маҳаллӣ қарор доштанд. Тарҳи алифбои забони шуғнонӣ таъйид гардида, профессор Д.Карамшоев бо ҳаммуаллифии М.Аламшоев китоби дарсии забони шуғнониро таълиф намуд. ДарМаскав луғати сеҷилдаи шуғнонӣ-русӣ ва луғати якҷилдаи русӣ-шуғнонӣ (мураттиб Д. Карамшоев) ба табъ расиданд, ки дар он маводи забони шуғнонӣ ба хатти кириллӣ оварда шуда буд.
Осори фолклории забонҳои шуғнӣ-рӯшонӣ ба ду забон – забони маҳаллӣ ва форсӣ-тоҷикӣ эҷод гардидааст. Дар канори осори мансури фолклорӣ ва жанрҳои манзуми шифоҳӣ (масалан, сурудҳои мардумие мисли «Лалайик» ва «Даргилик»), ки ба забонҳои маҳаллӣ эҷод гардидаанд, рубоиёт ва дигар жанрҳои шеърии фолклорӣ, ки ба забони форсӣ-тоҷикӣ офарида шудаанд, низ дар байни мардумони бумии ин минтақа маъруф буданд.
Аз дигар забонҳои помирие, ки ба забонҳои гурӯҳи шуғнонӣ-рӯшонӣ қаробате доранд, аммо машмули ин гурӯҳ нестанд, забонҳои язгуломӣ ва ванҷии куҳан мебошанд. Бо таваҷҷуҳ ба шабоҳату қаробати генетикии сохтории ин забонҳо В.С. Соколова ин ду забонро ҳамроҳ бо забонҳои гурӯҳи шуғнӣ-рӯшонӣ дар як гурӯҳи хосаи забонҳои помирӣ муттаҳид карда, онро «гурӯҳи забонии шуғнонӣ-язгуломӣ» номидааст (1).
Бояд зикр намуд, ки фарҳангҳои дузабонаи забонҳои помирӣ ба русӣ (бо овонигории лотинии калимот) то ин замон ҳам дар Маскав ва Ленинград аз чоп баромада буданд. Аз ҷумлаи чунин фарҳангҳо доир ба забонҳои гурӯҳи шуғнӣ-рӯшонӣ ниг.: Зарубин И.И. Орошорские тексты и словарь // Памирская экспедиция 1928, вып. 6.– Л., 1930; Бартангские и рушанские тексты и словарь. – Л., 1937; Шугнанские тексты и словарь. – М.-Л., 1960; Соколова В.С. Рушанские и хуфские тексты и словарь. – М.-Л., 1959; Бартангские тексты и словарь. – М.-Л., 1960; Пахалина Т.Н. Сарыкольско-русский словарь. – М., 1971 ва ғ.

Адабиёт
1. Ба таври муфассал ниг.: Соколова В.С. Генетические отношения язгулямского языка и шугнано-язгулямской языковой группы. – Л., 1967.
2. Belliot P. Tokharien et Koutcheen…, - 1934, с. 206.
3. Эдельман Д.И. К проблеме «язык и диалект» в условиях отсутствия письменности // Теоретические основы классификации языков мира. – М., 1980, с. 127-147.
4. Аз ҷумла ниг.: Зарубин И.И. К списку памирских языков // Доклады РАН, серия В. – 1924, с. 79-81; Карамшоев Д. Забонҳо ва гӯишҳои помирии Бадахшон // Номаи Пажӯҳишгоҳ. – Душанбе, 2007, №15-16, с. 49-56.

Бардошт аз «Муқаддимаи филологияи Эрон»-и А.Мирбобоев

**Content rating:** 1

Average: 1 (1 vote)

Rate

## Category:

- Забони шуғнонӣ [1]

**Source URL:** https://kumitaizabon.tj/en/node/10

**Links**
[1] http://istilohot.tj/en/taxonomy/term/83